# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «27» 01 соли 2025 №104 ш. Душанбе

Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2025-2027 Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030

Бо мақсади иҷрои Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2025-2027 Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030, мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2025-2027 Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Матбааи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор карда шавад, ки нақшаи чорабинии мазкурро ба миқдори 150 (яксаду панҷоҳ) нусха тибқи талабот чоп намояд.
3. Сардорони раёсатҳои кадрҳо ва корҳои махсус (Ш. Саъдуллозода), таҳсилоти миёнаи умумӣ (Ш. Асомиддинзода) таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ҳ. Саидзода) уҳдадор карда шаванд, ки нусхаи фармоиши мазкурро дастраси раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, муассисаҳои зертобеи Вазорати маориф ва илм, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардонида, рафти иҷрои онро назорат намоянд.
4. Сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва муассисаҳои зертобеи Вазорати маориф ва илм, сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ уҳдадор карда шаванд, ки иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкурро таъмин намоянд.

5. Масъулон дар якҷоягӣ бо иҷрокунандагони чорабинӣ оид ба корҳои иҷрошуда мувофиқи муҳлатҳои муқарраргардида ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот манзур намоянд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Асос: Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 20221, №165)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини вазир
Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

Замима
ба фармоиши вазири маориф ва
илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
«27» 01 соли 2025, № 104

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2025-2027 Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030

| Т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Иҷрокунандагон | Масъулон |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Коркарди заминаи меъёрию ҳуқуқӣ оид ба таъсис ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар соҳаи маориф ва илм (банди 1 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Муовини якум<br>Ш. Сафаров<br>А. Ҷӯразода<br>К. Муҳаммадраҷабзода<br>Ш. Каримзода |
| 2 | Иваз намудани номи Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ба Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таҳлилию иттилоотӣ ва технологияҳои рақамӣ» (банди 2 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия<br>Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ | Муовини якум<br>К. Муҳаммадраҷабзода<br>А. Ҷӯразода |
| 3 | Ҳамгироии раванди таълимӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ дар самти омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ бо низоми амалисозии афзалиятҳои миллии соҳавӣ (банди 3 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ<br>Раёсати илм ва инноватсия<br>Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Пажуҳишгоҳи рушди маориф<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ<br>ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Муовини якум<br>Л. Абдулхолиқзода<br>Ҳ. Саидзода<br>С. Ниёзӣ<br>Ш. Сафаров<br>А. Наҷмиддиниён<br>Ш. Каримзода<br>Н. Мирзозода |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | |
| 4 | Таҳияи низомномаҳо оид ба ташкили коллективҳои эҷодии омӯзгорон, ходимони илм, аспиранту донишҷӯён аз институтҳои гуногун барои ҳалли масъалаҳои муҳимми илмӣ ва соҳавӣ (банди 4 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2026 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ<br>Раёсати илм ва инноватсия<br>Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Пажуҳишгоҳи рушди маориф<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Муовини якум<br>Л. Абдулхолиқзода<br>Ш. Каримзода<br>Ҳ. Саидзода<br>С. Ниёзӣ<br>Ш. Сафаров<br>А. Наҷмиддиниён<br>Ш. Каримзода |
| 5 | Ташкили олимпиада ва озмунҳои миллӣ дар самти омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ(банди 5 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо<br>Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ<br>Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ<br>Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Р. Каримзода<br>Л. Абдулхолиқзода<br>Ш. Асомиддинзода<br>М. Ғаффорзода<br>М. Давлатзода<br>Ҳ. Саидзода |
| 6 | Ташкили форумҳои миллии тобистона дар байни ҷавонон оид ба дастовардҳои таҳсилоти технологӣ ва риёзию табиӣ (банди 6 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати илм ва инноватсия<br>Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо<br>Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | Муовини якум<br>Л. Абдулхолиқзода<br>Р. Каримзода<br>Л. Абдулхолиқзода<br>С. Ниёзӣ<br>Ҳ. Саидзода<br>Ш. Асомиддинзода<br>М. Далатзода<br>М. Ғафорзода<br>Сардорони сарраёсат, раёсат ва мудирони шуъбаҳои маориф |
| 7 | Ташкили қитъаҳои замини таҷрибавӣ дар назди марказҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ (банди 7 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ<br>Сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | Р. Каримзода<br>Ш. Асомиддинзода<br>М. Давлатзода<br>Сардорони сарраёсат ва мудирони шуъбаҳои |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ |
| 8 | Дар ҳамкорӣ бо вазоратҳо ва иттифоқи корфармоён ташкили низоми таҳсилоти иловагӣ дар самти таҳсилоти технологӣ ва риёзию табиӣ (банди 8 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ | Муовини якум<br>Р. Каримзода<br>Ш. Сафаров<br>Ш. Асомиддинзода<br>М. Давлатзоада |
| 9 | Дар ҳамкорӣ бо бизнес-инкубаторҳо ташкили низоми идоракунии лоиҳавӣ дар самти таҳсилоти технологӣ ва риёзию табиӣ (банди 9 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Раёсати илм ва инноватсия | Ҷ. Ҷӯразода<br>Ш. Сафаров<br>С. Ниёзӣ |
| 10 | Таҷдиди технологияҳо, мазмун ва усулҳои омӯзиш дар самти фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 10 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Пажӯҳишгоҳи рушди маориф<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Муовини якум<br>Ш. Сафар<br>А. Наҷмиддиниён<br>Ш. Каримзода |
| 11 | Коркарди барномаву стандартҳои таълимӣ ва маводди таълимию методии нав, такмили барномаву стандартҳои таълимии амалкунанда аз фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 11 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Пажӯҳишгоҳи рушди маориф<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Муовини якум<br>Ш. Сафаров<br>А. Наҷмиддиниён<br>Ш. Каримзода |
| 12 | Ташкил ва ҷойгирсозии бастаи маводди электронию таълимӣ ва замимаҳои мултимедиавӣ ба китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимию методӣ аз фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар манбаъҳои миллии таълимӣ (банди 12 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия<br>Маркази матбуот<br>Маркази таҳия нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Муовини якум<br>Р. Каримзода<br>Ш. Асомиддинзода<br>К. Муҳаммадраҷабзода<br>Х. Малонзода<br>Н. Ҷумъамурод<br>Ш. Каримзода |
| 13 | Коркарди асосҳои методӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон дар самти фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 13 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ<br>Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Муовини якум<br>Ш. Сафаров<br>Ш. Каримзода<br>Н. Мирзозода |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 14 | Дастгирии малакаҳои фаъолияти лоиҳавию таҳқиқотӣ дар самти фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 14 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати илм ва инноватсия<br>Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Муовини якум<br>Л. Абдулхолиқзода<br>С. Ниёзӣ<br>Ҳ. Саидзода |
| 15 | Омодасозии маводди таълимӣ аз фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ки ҷанбаҳои лоиҳавию технологиро доро мебошанд. (банди 15 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2026 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ<br>Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ | Муовини якум<br>Р. Каримзода<br>Ш. Асомиддинзода<br>Ш. Сафаров<br>А. Наҷмиддиниён<br>Ш. Каримзода<br>М. Давлатзода |
| 16 | Ташкили ҳамкории шабакавӣ байни муассисаҳои таҳсилотӣ оид ба инъикоси натиҷаҳои фаъолияти лоиҳавию таҳқиқотӣ дар самти фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 16 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ<br>Раёсати илм ва инноватсия<br>Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ<br>Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Муовини якум<br>Л. Абдулхолиқзода<br>Р. Каримзода<br>Ҳ. Саидзода<br>С. Нёзӣ<br>Ш. Асомиддинзода<br>Ш. Сафаров |
| 17 | Густариши истифода ва рушди малакаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилот дар самти фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 17 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия<br>Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ | Муовини якум<br>Р. Каримзода<br>Ш. Сафаров<br>К.Муҳаммадраҷабзода<br>Ш. Асомиддинзода |
| 18 | Ҷорисозии асосҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ (банди 18 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия<br>Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ | Муовини якум<br>Р. Каримзода<br>Ш. Сафаров<br>К. Муҳаммадраҷабзода<br>Ш. Асомиддинзода |
| 19 | Густариши инфрасохтори технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилот ва илм (банди 19 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати илм ва инноватсия<br>Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | Муовини якум<br>С. Ниёзӣ<br>К. Муҳаммадраҷабзода |
| 20 | Коркарди замима ва дастурҳо оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар | 2025-2026 | Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Муовини якум<br>Ш. Каримзода<br>К. Муҳаммадраҷабзода |

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС * ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН *

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ҷараёни омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 20 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | |
| 21 | Таҳия намунаи меъёрҳои миллӣ барои арзёбии сифати таълим ва натиҷаҳои омӯзиши фанҳои дақиқ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (банди 21 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2026 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Шуъбаи сифати таҳсилот<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Муовини якум<br>Ш. Сафаров<br>А. Холиқзода<br>Ш. Каримзода |
| 22 | Навсозӣ ва такмили мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, ташкили равияҳои таълим ва технологияҳои инноватсионии таълими фанҳои дақиқ ва риёзӣ мутобиқи талабот ва ҳадафҳои муосири таълим барои рушди устувор (банди 22 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2026 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Маркази таҳия нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | Ҷ. Ҷӯразода<br>Ш. Сафар<br>Н. Ҷумъамурод<br>К. Муҳаммадраҷабзода |
| 23 | Ташкили фазои таҳсилоти мутобиқшаванда ва гуногунвазифа оид ба омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 23 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ | Муовини якум<br>Ш. Сафаров<br>А. Наҷмидиниён<br>Ш. Каримзода |
| 24 | Муқаррарсозии талабот ба муҷаҳҳазгардонии моддию техникии барномаҳои таълимии асосиву иловагӣ ва технологияҳои педагогӣ (банди 24 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>Маркетинг, моликият ва хариди давлатӣ | Муовини якум<br>Муовини вазир оид ба самти иқтисод<br>Ш. Сафаров<br>У. Ҳасанзода |
| 25 | Ташаккули низоми маблағгузории марказҳои инноватсионии таҳсилоти касбӣ, платформаҳои инноватсионӣ, ки моделҳои амалишавандаро фароҳам оварда, сифати муосири таҳсилоти технологӣ ва табиию риёзиро таъмин мекунанд (банди 25 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати иқтисод ба нақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм<br>Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | Муовини вазир оид ба самти иқтисод<br>И. Сафарзода<br>Ҳ. Саидзода<br>К. Муҳаммадраҷабзода |
| 26 | Ташкили омодасозии насли нави кадрҳои тахассуси олӣ дар самти фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 26 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ<br>Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Л. Абдулхолиқзода<br>Ҳ. Саидзода<br>И.Мирзозода |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 27 | Ташкили баргузории таҷрибаомӯзии омӯзгорон дар заминаи озмоишгоҳҳои илмию таҳқиқотии муассисаҳои вазорату кумитаҳо (банди 27 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Муовини якум<br>Л. Абдулхоликзода<br>Ҳ. Саидзода<br>С. Ниёзӣ |
| 28 | Ҳавасмандсозии дастгирии грантии фаъолияти инноватсионии кадрҳои педагогӣ (банди 28 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2026 | Раёсати иқтисод ба нақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм<br>Раёсати илм ва инноватсия<br>Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ<br>Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ | Муовини вазир оид ба самти иқтисод<br>Л. Абдулхоликзода<br>Р. Каримзода<br>И. Сафарзода<br>С. Ниёзӣ<br>Ҳ. Саидзода<br>Ш. Асомиддинзода |
| 29 | Ташкили ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо сохторҳои истеҳсолотӣ ҷиҳати истифодаи захираҳои кадрии онҳо барои таҳсилот (банди 29 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Л. Абдулхоликзода<br>Ҳ. Саидзода |
| 30 | Таҳияи механизмҳои фароҳамоварии имкониятҳои таҷрибаомӯзӣ барои омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 30 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2026 | Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ<br>Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ<br>Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ<br>Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф<br>Раёсати илм ва инноватсия | Муовини якум<br>Л. Абдулхоликзода<br>Р. Каримзода<br>Ш. Каримзода<br>Ҳ. Саидзода<br>Ш. Асомиддинзода<br>Н. Мирзозода<br>С. Ниёзӣ |
| 31 | Таҳияи барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 31 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2026 | Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Муовини якум<br>Н. Мирзозода |
| 32. | Таҳия ва интишори бастаи иттилоотӣ оид ба дастовардҳои илмҳои табиӣ ва риёзӣ (банди 32 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Маркази матбуот<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо | Муовини якум<br>Х. Мавлонзода<br>Ш. Каримзода<br>М. Ғафорзода |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 33. | Ташкили шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои саноатӣ (банди 33 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати илм ва инноватсия<br>Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Муовини якум<br>Л. Абдулхолиқзода<br>С. Ниёзӣ<br>Ҳ. Саидзода |
| 34. | Ташаккули низоми ҷустуҷӯ, дарёфт ва ҷалби ҷавонони соҳибистеъдод (банди 34 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо<br>Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Р. Каримзода<br>Муовини вазир оид ба самти иқтисод<br>Ш. Асомиддинзода<br>М. Ғафforзода |
| 35. | Ташкили озмуни миллии салоҳиятҳои касбӣ (банди 35 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ<br>Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ<br>Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | Л. Абдулхолиқзода<br>Р. Каримзода<br>Ҳ. Саидзода<br>Ш. Асомиддинзода<br>Ш. Каримзода<br>Н. Мирзозода |
| 36. | Ташкили форуми омӯзгорони навовар, муҳаққиқон ва олимони илмҳои табиӣ, технологӣ, муҳандисӣ ва риёзӣ (банди 36 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ<br>Раёсати илм ва инноватсия<br>Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм<br>Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | Р. Каримзода<br>Муовини якум<br>Муовини вазир оид ба самти иқтисод<br>Ш. Асомиддинзода<br>С. Ниёзӣ<br>К.Муҳаммадраҷабзода |
| 37. | Таҳияи нақшаи дарозмуддати рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ (банди 37 нақшаи чорабиниҳои ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати муносибатҳои байналмиллалӣ<br>Маркази барномаҳои байналмиллалӣ<br>Маркази таҳлили барномаҳо | Муовини якум<br>А. Файзуллозода<br>Р. Одиназода<br>Н. Давлатзода |

Эзоҳ: иҷрокунандагони якум дар таъмини иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниҳои мазкур масъул буда, дар мавриди зарурӣ гурӯҳҳои кории байниидоравӣ таъсис медиҳанд ва вобаста ба бандҳое, ки дар онҳо иҷрокунандаи асоси маҳсуб меёбад, иттилоотро ба маълумоти ҳамиҷрокунандагон расонида, аз онҳо маълумотро ҷамъоварӣ намуда, тибқи талабот ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намоянд.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРГУЗОРӢ